**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оиди қабул намуданн Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонунн Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» қабул карда шавад.
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Қонуни мазкур мутобик гардонидани қонунгузории ҷорӣ таклиф пешниход намояд;
- қарорҳои худро бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» мутобиқ гардонад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе 29 январи соли 2003** **С. ХАЙРУЛЛОЕВ**
**№ 766**

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ МИЛЛИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №4, мод.181)**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе 7 апрели соли 2003**
**№366**

**ҚОНУНИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №4, мод.139)**

Қонуни мазкур асосҳои умумии ҳуқуқӣ ва иқтисодии иҷораи молиявӣ (лизинг) - ро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян менамояд ва муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар ҷараёни амали фаъолияти иҷораи молиявӣ ба вуҷуд меоянд, танзим мекунад.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Соҳаи татбиқи Қонуни мазкур**

Соҳаи татбиқи Қонуни мазкур иҷораи молиявии амволе мебошад, ки ба ашёҳои ғайриистеъмолӣ мансуб буда, бо мақсади соҳибкорӣ барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода мешаванд.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд;

**иҷораи молиявӣ (лизинг)** - маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, аз ҷумла хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд;

**шартномаи иҷораи молиявӣ** - шартномае мебошад, ки дар асоси он иҷорадеҳ ӯҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагирро аз фурӯшандае, ки ҳамин иҷорагир муайян кардааст, ҳамчун моликият харидорӣ намуда, онро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии пулакӣ бо мақсадҳои соҳибкорӣ ба иҷорагир пеишниҳод намояд;

**фаъолияти иҷораи молиявӣ** - намуди фаъолияти инвеститсионӣ оид ба харидани амвол ва ба иҷораи молиявӣ додани он;

**хизматрасонии (корҳои) иловагӣ** – ҳама гуна хизматҳое (корҳое), ки иҷорадеҳ ё фурӯшанда ҳам то оғози истифода ва ҳам дар ҷараёни истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир расонидааст ва бевосита бо татбиқи шартномаи иҷораи молиявӣ вобаста мебошанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Предмети иҷораи молиявӣ**

Предмет - мавзӯи иҷораи молиявӣ метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмоли, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмӯи амволи, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд.

Предмети иҷораи молиявӣ наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиии ва инчунин амволе бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд карда шудааст ё барои он тартиби махсуси муомилот

муқаррар гардидааст.

**Моддаи 5. Субъектҳои иҷораи молиявӣ**

Субъектҳои иҷораи молиявӣ инҳо мебошанд:

Иҷорадеҳ, - шахси воқеӣ ё ҳуққуқие, ки аз ҳисоби маблағҳои ҷалбгардида ё худи дар ҷараёни татбиқи шартномаи иҷораи молиявӣ амволро ба моликият мехарад ва онро ба сифати предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ бо гузаштан ё нагузаштани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир медиҳад;

иҷорагир - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ вазифадор аст, предмети иҷораи молиявиро ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ қабул намояд;

фурӯшанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартнома амволеро, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳисоб мешавад, ба иҷорадеҳ дар мӯҳлати шартгардида мефурӯшад. Фурӯшанда ҳамзамон метавонад дар доираи як муносибати ҳуқуқии иҷораи молиявӣ ба сифати иҷорагир баромад намояд.

Субъекти иҷораи молиявӣ метавонанд резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

**Моддаи 6. Зериҷораи молиявӣ**

Зериҷораи молиявӣ - шакли зеркироячи предмети иҷораи молиявӣ мебошад, ки ҳангоми он иҷорагир тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ амволеро, ки пештар аз иҷорадех тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ гирифтааст ва он предмети иҷораи молиявӣ буда, барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатии пулакӣ ва ба мӯҳлати мутобиқ ба шартҳои шартномаи зериҷораи молиявӣ ба шахсони сеюм (ба иҷорагирон тибқи шартномаи зериҷораи молиявӣ) медиҳад.

Ҳангоми ба зериҷораи молиявӣ додани амвол ҳуқуқи талаб ба фурӯшанда тибқи шартномаи зериҷораи молиявӣ ба иҷорагир мегузарад.

Додани предмети иҷораи молиявӣ ба зериҷораи молиявӣ бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ анҷом дода мешавад.

Мӯҳдати зериҷораи молиявӣ набояд аз мӯҳлати иҷораи молиявӣ, ки шаргномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, зиёд бошад.

## БОБИ П. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ (ЛИЗИНГ)

**Моддаи 7. Шакл ва мазмуни шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)**

Шартномаи иҷораи молиявӣ сарфи назар аз мӯҳлаташ дар шакли хаттӣ баста мешавад.

Барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ субъектҳои иҷораи молиявӣ шартномаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебанданд.

Ба шартномаҳои ҳатмӣ шартномае мансуб мебошад, ки мутобиқи он амвол аз фурӯшанда ба иҷорадеҳ, дода мешавад. Ба шартномаҳои иловагӣ шаргномаи ҷалб намудани маблағҳои пулӣ, шартномаи гарав, шартномаи кафолат, шартномаи замонат ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд:

-предмети шартнома;
- тартиби таҳвил ва қабули амвол;
- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо;
- истифодаи амвол, нигоҳубину таъмир ва таҷдиди он;
- мӯҳлати иҷораи молиявӣ;
- пардохтҳои иҷораи молиявӣ ва муҷозотҳои ҷаримавӣ;
- масъулияти тарафҳо;
- тартиби ҳаллу фасли баҳсҳо;
- шартҳои пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартнома;
- амали тарафҳо оид ба анҷомрасонии аҳдҳо;
- форс - мажор;
- суроғаҳои ҳуқуқи ва реквизитҳои бонкӣ;
- ва шартҳои дигарро муайян намояд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ шартҳои расонидани хизматрасонии иловагӣ ва гузаронидани корҳои иловагиро метавонад дар бар гирад.

Номгӯи, ҳаҷм ва арзиши хизматрасонии (корҳои) иловагӣ бо созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад.

Бо созишномаи тарафҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст шартҳои дигари иҷораи молиявӣ муайян карда шаванд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад пешбинӣ намояд, ки интихоби фурӯшанда ва амволи харидоришаванда аз ҷониби иҷорадеҳ анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат иҷорадеҳ барои интихоби фурӯшанда ва предмети иҷораи молиявӣ масъулиятро ба зимма мегирад.

Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад ҳуқуқи иҷорагирро барои дароз намудани мӯҳлати иҷораи молиявӣ бо нигоҳ доштан ё тағйир додани шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ намояд.

**Моддаи 8. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иҷорадеҳ**

Иҷорадеҳ ҳуқуқ, дорад:

а) пардохтҳои иҷораи молиявии мӯҳлаташон гузаштаро, ки бояд ба ӯ пардохт карда шаванд ва инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд;

б) аз болои фаъолияти иҷорагир дар он қисмате, ки ба предмети иҷораи молиявӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои иҷорагир мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ мансуб аст, назорат барад:

в) дар ҳолати аз тарафи иҷорагир вайрон гардидани ӯҳдадориҳо оиди баргарлонидани предмети иҷораи молиявӣ, ворид намудани пардохтҳоро барои мӯҳлати вайронкардашуда ва ҷуброни зарар талаб намояд;

г) аз иҷорагир иттилооти зарурирο ба таври хаттӣ барои анҷом додани назорат аз болои вазъияти молиявии иҷорагир талаб намояд;

д) ба предмети иҷораи молиявӣ тамғае гузорад, ки вай аз моликияти иҷорадеҳ будани ин ашё ва он мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дар соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир қарор доппан гувоҳӣ диҳад;

е) предмети иҷораи молиявиро аз иҷорагир дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд;

Иҷорадеҳ ӯҳдадор аст:

а) предмети иҷораи молиявиро, ки бо иҷорагир мувофиқа шудааст, аз фурӯшанда барои моликияти худ харидори намояд ва онро бо шартҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайянгардида барои соҳибӣ ва истифодабари ба иҷорагир диҳад;

б) баъди харидори намудани предмети иҷораи молиявӣ фурӯшандаро ба таври хаттӣ дар бораи он, ки вай барои додан ба иҷораи молиявӣ ба шахси муайян (иҷорагир) таъин гардидааст, огоҳ намояд.

Иҷорадеҳ метавонад ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст.

**Моддаи 9. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иҷорагир**

Иҷорагир ҳуқуқ дорад:

а) предмети иҷораи молиявиро мутобиқи шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ соҳибӣ кунад ва истифода барад;

б) бевосита ба фурӯшандаи (таҳвилгари) предмети иҷораи молиявӣ талаботро нисбати сифат ва пуррагӣ, мӯҳлати таҳвил ва талаботи дигареро, ки шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда (таҳвилгар) ва иҷорадеҳ муқаррар намудааст, пешниҳод намояд;

в) аз гирифтани предмети иҷораи молиявӣ даст кашад ё ивази предмети иҷораи молиявиро талаб намояд, шартномаи иҷораи молиявиро бекор кунад, агар предмети иҷораи молиявӣ таҳвил нашуда бошад, аз мӯҳлат дер таҳвил шуда бошад ё бо камбудиҳои ислоҳшавандае таҳвил шуда бошад, ки ба истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ мутобиқи таъиноти дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинишуда монеъ гарданд, ба истисноии ҳолатҳое, ки интихоби таҳвилгар аз ҷониби иҷорагир анҷом дода шуда бошад;

г) баъди катъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ҷуброни арзиши беҳгардонидашудаи предмети ичораи молиявиро, ки барои предмети ичораи молиявӣ бидуни зарар ҷудонашаванда мебошад ва иҷорагир, бо ризоияти иҷорадеҳ, аз ҳисоби маблағҳои худ анҷом додааст, талаб намояд, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

д) камкунии маблағи пардохтҳои иҷораи молиявиро талаб намояд, агар бинобар ҳолатҳос ки ӯ барои онҳо ҷавобгар нест, шароитҳои истифодабарӣ, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври назаррас бад шуда бошанд;

е) предмети иҷораи молиявиро, ки тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ гирифтааст, бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ барои зериҷораи молиявӣ ба шахси сеюм диҳад ва дар назди ӯ мутобиқи шартномаи

иҷораи молиявӣ масъул боқӣ монад.

Иҷорагир ӯҳдадор аст:

а) дар сурати ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ҷавобгӯй будани предмети иҷораи молиявӣ онро қабул намояд ва предмети иҷораи молиявиро аз рӯи таъиноташ тибқи шартнома иҷораи молиявӣ истифода барад;

б) аз ҳисоби худ хизматрасонии техникӣ, таъмири асосӣ ва ҷории предмети иҷораи молиявиро (аз ҷумла пардохтҳои коммуналии зарурииро вобаста ба предмети иҷораи молиявӣ) анҷом диҳад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад:

в) ба иҷорадеҳ иттилоотӣ барои анҷом додани назорати вазъи молиявии ӯ зарурбударо пешниҳод намояд;

г) барои иҷорадеҳ бемонеа дастрас буданро ба предмети иҷораи молиявӣ таъмин намояд, инчунин тибқи дархости хаттии иҷорадеҳ иттилоотро оид ба ҳолати техникии предмети иҷораи молиявӣ ба вай пешниҳод намояд, агар шартнома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд;

д) ҳангоми қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ предмети иҷора молиявиро дар он ҳолате, ки гирифта буд, бо назардошти кӯҳнашавии мӯътадил ё дар  ҳолате, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ қайду шарт гардидааст, баргардонад.

Иҷорагир метавонад ҳуқуқу вазифаҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудаанд.

**Моддаи 10. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фурӯшанда**

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фурӯшанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи хариду фурӯш ё таҳвил муайян карда мешаванд.

Иҷорагир ҳукук дорад талабхоеро, ки аз шартномаи хариду фуруши байни фурушанда ва иҷорадеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии амвол, мухлатҳои таҳвили он ва дар дигар ҳолатҳои ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеоянд, бевосита ба фурӯшандаи предмети шартномаи иҷораи молиявӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат иҷорагир ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои барои харидор пешбинигардидаро бидуни ризоияти иҷорадеҳ, ба ғайр аз ӯҳдадориҳои пардохти амволи харидашуда ва бекор кардани шартномаи хариду фурӯшро бо фурӯшанда, дорад.

Фурӯшанда оиди як зарари расонидашуда набояд ҳамзамон ҳам дар назди иҷорадеҳ ва ҳам  дар назди иҷорагир масъулият дошта бошад.

Дар ҳолате, ки шартномаи иҷораи молиявӣ бо иштироки иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда баста шуда бошад, он гоҳ ҳуқуқ ва вазифаҳои фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ  муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 11. Тағйирдиҳи ва бекор кардани шартномаи иҷораи молиявӣ**

Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи иҷораи молиявӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст тағйир дода шавад ё бо тартиби суди пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад.

Дар ҳолатҳои зерин аз рӯи талаби иҷорадеҳ шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафҳо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи молиявӣ бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби иҷорагир баргардонида шавад:

а) агар иҷорагир ҳолати предмети иҷораи молиявиро ба таври назаррас бад гардонад;

б) агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро бо вайрон кардани шартҳои шартном иҷораи молиявӣ ё шартҳои таъинотии предмети иҷораи молиявӣ, сарфи назар аз огоҳии хаттии иҷорадеҳ дар бораи хотима додани ҳамин гуна амалҳо, истифода барад;

в) агар иҷорагир ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати пардохте, ки шартномаи ичораи  молиявӣ мукаррар намудааст, ду маротиба ва ё бештар аз он паси  ҳам  пардохти номбурдаро, ворид накунад;

г) агар таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад, дар мӯҳлати муқаррари анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи мол ӯҳдадории гузаронидани таъмири асоси ба зиммаи иҷорагир гузошта шуда бошад.

Дар ҳолатҳои зерин бо талаби иҷорагир шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафхо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи мол бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби ӯ баргардонида шавад:

а) агар иҷорадеҳ предмети иҷораи молиявиро надиҳад ё барои истифодаи предмети иҷораи молиявӣ мутобиқи шартҳои шартнома монеаҳо ба вуҷуд орад;

б) агар предмети иҷораи молиявии додашуда камбудиҳое дошта бошад, ки барои истифодаи он монеъ шаванд ва онҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ зикр нашуда бошанд;

в) агар иҷорадеҳ мӯҳлати таҳвили предмети иҷораи молиявиро вайрон карда бошад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки таҳвилгарро иҷорагир интихоб намуда бошад;

г) агар иҷорадеҳ таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррааргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад дар мӯҳлатҳои муқаррарӣ анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи молиявӣ ӯҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зиммаи иҷорадеҳ гузошта шуда бошад.

**Моддаи 12. Масъулияти субъектҳои иҷораи молиявӣ**

Масъулияти иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ, шартномаи хариду фурӯш ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Масъулият дар назди шахсони сеюм барои зараре, ки предмети иҷораи молиявӣ ба онҳо расонидааст, ё зарари вобаста ба он ба души соҳиби номии (титулии) предмети иҷораи молиявӣ гузошта мешавад.

Иҷорагир ва иҷорадеҳ дар муносибат бо фурӯшанда ҳамчун кредиторони муштарак баромад мекунанд.

**Моддаи 13. Ба соҳиби ва истифодаи муваққати додани предмети шартномаи иҷораи молиявӣ, хизматрасони ва баргардонидани он**

Иҷорадеҳ вазифадор аст амволеро, ки предмети иҷораи молиявӣ мебошад дар ҳолати мутобиқбуда ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ва таъинотии ҳамин амвол ба иҷорагир пешниҳод намояд.

Предмети иҷораи молиявӣ дар якҷояги бо ҳамаи асбобу анҷом ва ҳуҷҷатҳо (паспорти техникӣ ва гайра) ба иҷораи молиявӣ дода мешавад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Иҷорагир аз ҳисоби худ хизматрасонии техникии предмети иҷораи молиявиро ба ҷо меорад, нигоҳдории онро таъмин мекунад, инчунин таъмири асосӣ ва ҷории предмети иҷораи молиявиро анҷом медиҳад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Хизматрасонии кафолатноки предмети иҷораи молиявӣ мумкин аст аз ҷониби фурӯшанда анҷом дода шавад, агар ин дар шартномаи хариду фурӯш байни иҷорадеҳ ва фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешбини гардида бошад.

Ҳангоми қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ иҷорагир вазифадор аст предмети иҷораи молиявиро дар ҳолате, ки вай гирифта буд, бо назардошти фарсудагии миёна ё фарсудагии дар шартномаи иҷораи молиявӣ қайду шартгардида, ба иҷорадеҳ баргардонад.

Агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро барнагардонад ё сари вақт барнагардонад, иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад барои мӯҳлати гузаронидашуда ворид намудани пардохтҳоро талаб намояд. Дар ҳолате, ки агар пардохти номбурда зарари ба иҷорадеҳ расонидашударо напӯшонад, ӯ метавонад пӯшонидани онҳоро ба воситаи суд талаб намояд.

Дар ҳолате, ки агар иҷорадеҳ барои сари вақт барнагардонидани предмети иҷораи молиявӣ ноустуворона пешбини намуда бошад, мумкин аст зарар аз иҷорагир дар ҳаҷми пурра илова ба ноустуворона ситонида шавад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбини нагардида бошад.

**Моддаи 14. Ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ**

Предмети иҷораи молиявӣ, ки барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба иҷорагир дода шудааст, моликияти иҷорадеҳ мебошад.

Дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст пешбини гардад, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати шартномаи иҷораи молиявӣ ё то анҷом ёфтани он ба моликияти иҷорагир гузарад, ба шарте, ки аз ҷониби иҷорагир арзиши пурраи харидории дар шартномаи қайду шартгардида ворид карда шавад.

Агар шарти харид намудани предмети иҷораи молиявӣ дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ нашуда бошад, онро метавонанд бо созишномаи иловагии тарафҳо, ки зимнан ҳуқуқ доранд дар бобати ба ҳисоби арзиши харидорӣ пардохт намудани маблағҳои истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ ба мувофиқа омада, муқаррар кунанд. Бо Қонун мумкин аст ҳолатҳои манъ намудани харидории предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ карда шаванд.

Ҳуқуқи соҳиби ва истифодабарии муваққатии предмети иҷораи молиявӣ дар ҳаҷми пурра ба иҷорагир мегузарад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад.

Ҳуқуқи ихтиёрдории иҷорадеҳ ба предмети иҷораи молиявӣ аз ҳуқуқи гирифтани предмети иҷораи молиявӣ аз соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, иборат мебошад.

Ҳангоми муфлисшавии иҷорагир, инчунин ҳабс ва мусодира намудан ё ба кор бурдани рӯёнидани зарар ба амволи ӯ, предмети иҷораи молияви аз амволи иҷорагир ҷудо карда мешавад ва бояд ба иҷорадеҳ, ки метавонад онро тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдори намояд, баргардонида шавад.

Беҳсозиҳои ҷудошавандае, ки иҷорагир дар предмети иҷораи молиявӣ анҷом додааст, моликияти ӯ мебошанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Дар ҳолате, ки иҷорагир бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ аз ҳисоби маблағҳои худ беҳсозиҳои аз предмети иҷораи молиявӣ ҷудонашавандаро бидуни зарар ба предмети иҷораи молиявӣ анҷом дода бошад, иҷорагир баъди қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқи баргардонидани арзиши ин беҳсозиҳоро дорад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Дар дигар ҳолатҳо иҷорагир барои талаб намудани баргардонии арзиши ин беҳсоззихо ҳуқуқ надорад.

**Моддаи 15. Гузашт  намудани ҳуқуқ тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба шахси сеюм ва гаравмонии предмети иҷораи молиявӣ**

Иҷорадеҳ метавонад пурра ё қисман ҳуқуқҳои худро оиди предмети иҷораи молиявӣ ба шахси сеюм гузашт намояд ё ба гарав монад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад бо мақсади ҷалб намудани маблағҳои пули предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав истифода барад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ надорад предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав бе ризоияти иҷорагир истифода намояд.

Иҷорадеҳ вазифадор аст иҷорагирро дар бораи ҳамаи ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба предмети иҷораи молиявӣ огоҳ намояд.

**Моддаи 16. Тартиби бақайдгирии амвол (предмети шартномаи иҷораи молиявӣ) ва ҳуқуқ ба он**

Бақайдгирии ҳуқуқ ба амвол (предмети шартномаи иҷораи молиявӣ) аз рӯи шартномаи иҷораи моливӣ дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад.

Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ аз рӯи созиши тарафҳо ба номи иҷорадеҳ ё иҷорагир ба қайд гирифта мешаванд. Зимнан дар ҳуҷҷатҳои бақайдгири маълумот дар бораи молик ва соҳиби (истифодабарандаи) амвол ҳатман зикр карда мешавад. Дар ҳолати бекор карда шудани шартномаи иҷораи молиявӣ ва аз тарафи иҷорадеҳ баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ, бо аризаи ӯ мақомоти давлатие, ки барои бақайдгири ваколатдор мебошад, вазифадор аст сабти номи соҳиби (истифодабарандаи) амволро беэътибор гардонад

**Моддаи 17. Суғуртаи предмети иҷораи молиявӣ ва таваккалҳо**

Предмети иҷораи молиявӣ аз таваккали гум шудан (нобуд шудан), камомад ё зарар дидан аз лаҳзаи таҳвили амвол ба фурӯшанда то лаҳзаи анҷом ёфтани мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст суғурта карда шавад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Суғурта намудани таваккалҳои соҳибкори (молиявӣ) бо ризоияти тарафҳои шарноми иҷораи молиявӣ анҷом дода мешавад.

Иҷорагир дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷавобгарии худро барои ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳает, саломатӣ ё амволи шахсони дигар дар ҷараёни истифодабарии амволи иҷораи молиявӣ ба вуҷуд меоянд, суғурта намояд.

Иҷорагир ҳуқуқ дорад таваккали ҷавобгарии худро барои вайрон кардани  шартномаи иҷораи молиявӣ ба фоидаи иҷорадеҳ суғурта намояд.

**Моддаи 18. Тақсимоти таваккал байни тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ**

Ҷавобгари барои ҳифзи предмети иҷораи молиявӣ аз ҳама гуна зарари молиявӣ ва ҳамчунин барои таваккали вобаста ба нобудшавӣ, гумшавӣ, корношоямшавӣ, дуздидан, пеш мӯҳлат вайрон шудан, хатогиҳои ҳангоми васлкунӣ ё истифодабарӣ роҳдодашуда ва дигар хавфҳои амволи аз лаҳзаи қабули аслии предмети иҷораи молиявӣ ба дӯши иҷорагир мебошад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Таваккали аз ҷониби фурӯшанда иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯши предмети иҷораи молиявӣ ва зарарҳои вобаста ба он ба души ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ мебошад, ки фурӯшандаро интихоб намудааст. агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби

дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Таваккали мутобиқат накардани предмети иҷораи молиявӣ ба ҳадафҳои истифодабарии ҳамин предмет тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ва зарарҳои вобаста ба он ба дӯши тарафе мебошад, ки предмети иҷораи молиявиро интихоб намудааст, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

**Моддаи 19. Ба кор бурдани рӯёнидани зарар ба фоидаи шахсони сеюм ба предмети иҷораи молиявӣ**

Ба предмети иҷораи молиявӣ ба фоидаи шахси сеюм аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷорагир рӯёнидани зарар ба кор бурда намешавад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар предмети иҷораи молиявӣ ба номи иҷорагир ба қайд гирифта шуда бошад.

Рӯёнидани зарар ба фоидаи шахсони сеюм, ки ба амволи иҷорадеҳ нисбати предмети иҷораи молиявӣ ба кор бурда шудааст, метавонанд танҳо ба ҳамин объекти ҳуқуқи моликияти иҷорадеҳ нигаронида шавад. Аз рӯи натиҷаи қонеъ гардонидани рӯёнидани зарар ба гирандаи ҳуқуқҳои иҷорадеҳ оиди предмети иҷораи молиявӣ ба таври ҳатми на танҳо ҳуқуқ, балки ӯҳдадориҳои иҷорадеҳ, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайян шудаанд, мегузаранд.

**Моддаи 20. Баҳисобгирии предмети иҷораи молиявӣ ва татбиқи механизми босуръати амортизатсияи предмети иҷораи молиявӣ**

Предмети иҷораи молиявӣ, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир дода шудааст, бо ризоияти тарафҳо дар баланси иҷорадеҳ ё иҷорагир ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқ доранд аз рӯи мувофиқаи мутақобила истеҳлоки (амортизатсияи) босуръати предмети иҷораи молиявиро истифода намоянд.

Ҳисоб карда баровардани истеҳлокро (амортизатсияро) ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ анҷом медиҳад, ки предмети иҷораи молиявӣ дар балансаш мебошад.

**Моддаи 21. Кашида гирифтан ва баргардонида гирифтаии предмети иҷораи молиявӣ аз иҷорагир**

Тартиби кашида гирифтан ва баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорадеҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Пардохтҳои иҷораи молиявӣ**

Пардохт барои соҳибӣ ва истифодабарии амволе, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дода шудааст, аз ҷониби иҷорагир дар шакли пардохтҳои иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ пардохта мешаванд. Пардохтҳо метавонанд чӣ дар шакли пулӣ ва чӣ дар шакли молӣ анҷом дода шаванд.

Таҳти пардохтҳои иҷораи молиявӣ маблағи умумии пардохтҳои шартномаи иҷораи молиявӣ дар тамоми мӯҳлати амал намудани шартномаи иҷораи молиявӣ фаҳмида мешавад, ки ба онҳо баргардонидани хароҷотҳои иҷорадеҳ вобаста ба харидорӣ ва таҳвили предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир, ҷуброни хароҷотҳои вобаста ба расонидани хизматрасониҳои дигари дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинигардида, инчунин даромади иҷорадеҳ дохил мешаванд.

Ба маблағи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст нархи хариди предмети иҷораи молиявӣ дохил карда шавад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир гузаштани ҳуқуқи моликиятро ба предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ карда бошад.

Ҳаҷм, тарз, шакл ва давра ба давра ворид намудани пардохтҳо дар шартнома бо мувофиқаи тарафайн муққаррар карда мешаванд. Агар иҷорагир ва иҷорадеҳ ҳисоббаробаркунии пардохтҳои иҷораи молиявиро бо маҳсулоте (дар шакли молие), ки бо воситаи предмети иҷораи молиявӣ истеҳсол мешавад, анҷом диҳанд, нархи ин маҳсулот бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда  мешавад.

Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, андозаи пардохтҳои иҷораи молиявӣ метавонад бо мувофиқаи тарафҳо ба мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома, вале на бештар аз як маротиба дар се моҳ, тағйир дода шавад.

Еҳдадориҳои иҷорагир оид ба ворид намудани пардохтҳои иҷораи молиявӣ аз лаҳзаи аз ҷониби иҷорагир истифода гардидани предмети иҷораи молиявӣ фаро мерасанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

**Моддаи 23. Ҳуқуқ ба назорат намудани шартҳои шартнома аз рӯи аҳдҳои иҷораи молиявӣ**

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад риоя гардидани шартҳои шартномаи иҷораи молиявиро аз тарафи, иҷорагир ва шартномаҳои замимашударо дар қисмате, ки ба иҷро гардидани ӯҳдадориҳои шартномаи иҷораи молиявӣ аз тарафи иҷорагир таъсир мерасонанд, назорат намояд.

Тартиби назорати шартҳои шартнома дар шартномаи иҷораи молиявӣ ва дигар шартномаҳои замимавии байни иштироккунандагони он пешакӣ қайд карда мешавад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад ба иҷорагир дар шакли хаттӣ оид ба пешниҳоди иттилооте, ки барои анҷом додани чунин назорат зарур мебошад, дархост фиристонад, иҷорагир вазифадор аст ҳамин гуна дархостҳоро қонеъ гардонад.

**Моддаи 24. Хусусиятҳои амалиётҳои байналмилалие, ки субъектҳои иҷораи молиявӣ анҷом медиҳанд**

Иҷорадеҳ ҳуқуқ, дорад бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти байналмилалиро вобаста ба гардиши сармоя анҷом диҳад, воситаҳои пулиро аз ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади харидани предмети иҷораи молиявӣ ба мӯҳлати бештар аз шаш моҳ, (180 рӯз), вале на бештар аз мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ ҷалб намояд.

Иҷорадиҳандагон ҳуқуқ, доранд бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Точикистон амалиёти вобастаро ба гардиши сармоя, пардохтани фоизҳо барои истифодаи маблағҳои пардохташон гузаштаро, ки фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешниҳод намудааст, сарфи назар аз мӯҳлати ҳақиқии гирифтани предмети иҷораи молиявӣ (амалиёти асъории ҷорӣ ва амалиёти вобаста ба гардиши сармояро) амалӣ намоянд.

Барои анҷом додани иҷораи молиявии байналмилалӣ:

ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ бо мақсади истифодаи он тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба мӯҳлати бештар аз шаш моҳ, инчунин пардохтани маблағи пурраи шартномаи иҷораи молиявӣ дар давраи зиёда аз шаш моҳ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати асъор ва танзими асъор амалиёти вобаста ба гардиши сармоя ҳисобида намешаванд;

ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ё аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ ҳамаи намудҳои пардохтҳои гумрукӣ ба арзиши умумии гумрукии амвол ҳисоб карда мешаванд.

Пардохтхои гумруки ба тарики зайл ворид карда мешаванд:

дар лахзаи ворид (содир) намудани предмети ичораи молияви ба маблаги хамон кисм арзиши гумрукии амвол, ки пардохт карда шудааст ва бо хуччатхои бонки тасдик карда шудааст:

минбаъд пардохтхои гумрукй баробари пардохтхои ичораи молияви ё дар давоми 20 руз а лахзаи анчом ёфтани пардохтхои ичораи молияви ворид карда мешаванд.

Тартиби (низоми) ворид намудани пардохтҳои гумрукӣ, ки ҳамин модда муқаррар намудааст, батаъхирандозии мӯҳлати пардохтҳои гумрукӣ ё кредити инвеститсионии андозӣ ҳисобида намешавад.

## БОБИ Ш- МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 25. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони вокеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, мутобиқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари кашида мешаванд.

**Моддаи 26. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. РАҲМОНОВ**
**ш. Душанбе 22 апрели соли 2003**
**№ 9**